## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шарифзода Баҳром Маҳмуд ба рисолаи диссертатсионии Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин соли 2004 ба факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кипр дохил шуда, онро соли 2009 аз рӯи ихтисоси менеҷмент (зинаи бакалавр) хатм намудааст. Соли 2013 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Иқтисодиёти ҷаҳон» (зинам магистр) хатм намуда, пас дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои мутахассиси шуъбаи идоракунии маблағгузории асосии давлатии Сарраёсати буҷети давлатӣ, мутахассиси пешбари Сарраёсати буҷети давлатӣ, сармутахассиси Сарраёсати буҷети давлатӣ, сардори шуъбаи Сарраёсати буҷети давлатӣ, сардори Сарраёсати буҷети давлатӣ ва пас дар Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои сардори Сарраёсати қарзи давлатӣ ва ҷалби самоягузории давлатӣ, муовини сардори Сарраёсат - сардори Раёсати маъмуригардонданиии минтақаҳои озоди иқтисодии Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳо, сардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳо, сардори Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти иқтисодӣ фаъолият намудааст.

Нуриддинзода А.Н. соли 2014 ба ҳайси унвонҷӯй ба кафедраи иқтисод ва идораи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон до□ил шуда, ба сифати диссертатсия мавзӯи мубрамро «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли

RiDoc - программа для сканирования документов. https://getridoc.com

корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» интихоб намудааст.

Дар давоми таҳсил унвонҷӯ Нуриддинзода А.Н. дар таҳқиқоти худ муносибатҳоеро, ки дар ҷараёнҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ба ҳалли як қатор масъалаҳо, аз ҷумла таҳқиқи асосҳои назариявию методологии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, таҳқиқи методология, шароитҳо, омилҳо ва принсипҳои таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, таҳлили вазъи муосир ва ошкорсозии самтҳои асосии тақвияти рақобатпазирии соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосноккунии илмии самтҳои консептуалии мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, коркарди тавсияҳо оид ба таъмини самаранокӣ ва рушди инноватсионӣ дар асоси мукаммалсозии механизмҳои инстутсионалӣ ва ташкилӣ-иқтисодии онҳо, истифодаи равиши кластерӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Барои комёб шудан ба мақсади таҳқиқот ва ҳалли пурраи вазифаҳои гузошташудаи рисолаи диссертатсионӣ, унвонҷӯ аз усулҳои илмӣ ва донишҳои фарогир, аз сарчашмаҳои васеи манбаъҳои иттилоотӣ истифода кардааст.

Унвонҷӯ Нуриддинзода А.Н. дар ҷараёни таҳсил имтиҳонҳои номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм (бо баҳои хуб), забони хориҷӣ (бо баҳои хуб) ва аз рӯйи ихтисос ( бо баҳои аъло) бомуваффақият супоридааст.

Доир ба мавзӯи диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ 6 мақола, инчунин 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и нази Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маърузаву фишурдаҳо дар маводҳои конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ омода ва нашр карда шудаанд. Унвонҷӯ дар як қатор конференсияҳои ҷумҳуриявӣ,

RiDoc - программа для сканирования документов. https://getridoc.com

семинарҳо ва мизҳои мудаввар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намудааст ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот мусбӣ арзёбӣ гардидааст.

Навоварӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи тахассуси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқат мекунад: 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва абзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷуди онҳо дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 2. Масъалаҳои назариявӣ ва методии арзёбию баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика; 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва муҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Арзёбӣ ва суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, густариши инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Проблемаҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 25. Диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ ва густариши сиёсати номгӯии (ассортименти) маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ.

Унвонҷӯ Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддинро ҳамчун шахси масъулятшинос ва донишманд тавсиф намуда, қайд кардан ҷоиз аст, ки ӯ аз иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошта пурра баромада, кори илмӣ-таҳқиқотии худро дар мавзӯи аҳамиятнок ва мубрами кишвар таҳия намудааст.

RiDoc - программа для сканирования документов. https://getridoc.com

Дар асоси гуфтаҳои боло, рисолаи диссертатсионии Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзӯи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат» (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳқиқоти мустақилона ва анҷомёфта арзёбӣ гардида, он дорои натиҷаҳои илмӣ, навоварӣ, аҳамияти амалӣ мебошад ва хулоса ва пешниҳодҳои диссертатсия барои васеъ гардидани донишҳои назариявии соҳавӣ ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ мусоидат менамоянд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионӣ бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуда, барои ҳимояи расмӣ тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Сарходими илмии шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ, д.и.и., дотсент** **Шарифзода Б.М.**

Имзои д.и.и. дотсент Шарифзода Б.М.-ро тасдиқ мекунам:

**Инспектори калон оид ба кадрҳои ИИД АМИТ** **Зиёева М.С.**

RiDoc - программа для сканирования документов https://getridoc.com